*УДК 332.1*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-1-92-101*

***ОМИЛҲОИ МИНТАҚАВИИ НОБАРОБАРИИ ДАРОМАДИ АҲОЛӢ***

***Саиджонов Содикжон Шарифжонович**, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии ДДҲБСТ, (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***РЕГИОНАЛЬНЫЕ ФАКТОРЫ НЕРАВЕНСТВА ДОХОДОВ НАСЕЛЕНИЯ***

***Саиджонов Содикжон Шарифжонович**, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***REGIONAL FACTORS OF INEQUALITY INCOME OF THE POPULATION***

***Saidzhonov Sodikzhon Sharifzhonovich,** senior teacher of accounting department under TSULBP (Tajikistan, Khujand)**E-MAIL:** s.saidjonov78@mail.ru*

*Омилҳо ва сабабҳои нобаробарии даромади аҳолӣ дар сатҳи минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Тафриқаи минтақавии иҷтимоӣ – иқтисодӣ аз рӯйи даромади аҳолӣ, ки зери таъсири гурӯҳи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, психологӣ, демографӣ ва ҷуғрофӣ ба миён меоянд, ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Таҳлили тафриқаи байниминтақавии даромади меҳнатӣ, аз рӯи ҷанбаи гендерӣ ва байнисоҳавӣ дар вилояти Суғд сурат гирифтааст. Ҳамчунин усулҳои механизми танзими давлатии амалисозии сиёсати даромад баррасӣ шудааст. Чораҳои асосии давлатӣ, ки ба баробарсозии тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолии кишвар мусоидат менамоянд, асоснок карда шудаанд. Пешниҳод шудааст, ки сиёсати даромад дар асоси ҳамоҳангсозии самаранокии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ амали гардонида шавад. Қайд гардидааст, ки бозтақсими натиҷабахши даромад дар кишвар ва минтақаҳои он бояд тавассути таҳияи барномаҳои давлатӣ, махсусан дар соҳаи танзими даромади меҳнатии шаҳрвандон, андозбандии адолатнок ва низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба амал оварда шавад.*

***Калидвожаҳо:** даромад, нобаробарии даромад, тафриқаи даромад, тафриқаи байниминтақавӣ, танзими даромад, усулҳои танзим, адолати иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ*

*Исследуются факторы и причины неравенства доходов населения на региональном уровне. Рассмотрена региональная социально-экономическая дифференциация доходов населения, происходящая под воздействием экономических, политических, психологических, демографических и географических факторов. Проведен анализ межрегиональной дифференциации трудовых доходов в гендерном аспекте и межотраслевой дифференциации заработной платы по Согдийской области. Также проведен анализ методов государственного механизма осуществления политики доходов в условиях трансформирующейся экономики. Обоснованы основные меры государства, способствующие выравниванию межрегиональной дифференциации доходов населения республики. Предложено осуществление политики доходов на основе сочетания экономической эффективности и социальной справедливости. Отмечается, что результативное перераспределение доходов в стране и ее регионах должно проводиться благодаря разработке государственных программ, в частности в сфере регулирования трудовых доходов граждан, справедливого налогообложения, а также системе социальной защиты.*

***Ключевые слова:** доходы, неравенство доходов, дифференциация доходов, межрегиональная дифференциация, перераспределение доходов, регулирование доходов, социальная справедливость, социальная защита*

*The article investigates the factors and causes of income inequality of the population at the*

*regional level. The regional socio-economic considered the differentiation of incomes of the population, which occurs under the influence of economic, political, psychological, demographic and geographical factors. The analysis of interregional differentiation of labor incomes carried out in the gender aspect and intersectoral differentiation of wages in the Sughd region. An analysis of the methods of the state mechanism carried out for implementing the income policy in the conditions of a transforming economy. The main measures of the state, substantiated the contribution to the alignment of inter-regional differentiation of incomes of the population of the republic. The implementation proposed the income policy based on a combination of economic efficiency and social justice. It is noted that the effective redistribution of income in the country and its regions should be carried out through the development of state programs, in particular in the field of regulating the labor income of citizens, fair taxation and the system of social protection.*

***Keywords:*** *income, income inequality, income differentiation, interregional differentiation, income redistribution, income regulation, social justice, social protection*

Нишондиҳандаи муҳимтарини иҷтимоӣ – иқтисодие, ки сатҳи нобаробариро дар тақсимоти неъматҳои моддӣ ва маънавӣ байни аъзои ҷомеа тавсиф мекунад, тафриқаи даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Тақсимоти нобаробари даромади пулӣ байни одамон барои кулли кишварҳои ҷаҳон хос аст. Рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ягон давру замон нобаробарӣ дар ҷаҳон ба мисли ҳозира чунин назаррас набуд: масалан, сатҳи зиндагӣ дар Ҷопон нисбат ба Ҳиндустон 100 маротиба, дар Швейтсария нисбат ба Эфиопия 400 маротиба баланд аст. [13, 431] Ҳар сокини панҷуми рӯи замин аз шаклҳои мухталифи бенавоӣ азият мекашад.

Ассамблеяи генералии Созмони Миллали Муттаҳид дар доираи қатъномаи «Дигаргунсозии ҷаҳони мо: Барномаи соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» коҳиши нобаробариро дар дохили кишварҳои алоҳида ва байни кишварҳо ба сифати яке аз мақсадҳои калидӣ эълон кардааст. Дар конвенсияҳо, эъломияҳо ва маърузаҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнат муаммои нобаробарии даромади аҳолӣ нақши махсусро мебозад. Дар маърузаи ҳамасолаи Ташкилоти байналмилалии меҳнат таҳти унвони «Музди меҳнат дар ҷаҳон» қайд гардидааст, ки нобаробарии даромад тайи садсолаҳои охир дар аксари кишварҳо ба таври назаррас пурзӯр гардида, тавaҷҷӯҳи бештарро талаб менамояд, зеро вай барои некӯаҳволӣ ва ваҳдати иҷтимоӣ оқибатҳои манфиро ба бор оварда, суръати рушди иқтисодиро дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат суст гардонида метавонад. Ҳамзамон зикр гардидааст, ки хусусияти нобаробарии даромад дар он ифода меёбад, ки дар шароити муосир он, қабл аз ҳама, дар бозори меҳнат ташаккул меёбад.

Муаммои нобаробарии даромад, бешубҳа, аз лиҳози ҷамъиятӣ муҳим ба ҳисоб рафта, ба масъалаи адолати иҷтимоӣ дахолат мекунад. Бинобар ин, дар манзари тақвияти тавaҷҷӯҳи ҷомеа ба афзоиши босуръати миқёсҳои вай аксари сиёсатмадорони маъруф ва пешвоёни ҷаҳонӣ масъалаи мубориза бо нобаробарии даромадро ба сифати яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва хеле муҳимми рӯзномаи муосири сиёсӣ ба миён мегузоранд.

Даромад ифодаи рамзии мақоми иҷтимоӣ, инчунин инъикоскунанда ва нишондиҳандаи фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Табиати иқтисодии даромад ки қабл аз ҳама барои он ҷолиби диққат аст, ки он низоми иқтисодие беҳтарин шуморида мешавад, ки «одамонро ба таври ҳадди аксар бо он чизҳое, ки одамон ба онҳо эҳтиёҷ доранд, таъмин мекунад». [2, 27] Ҳамчун категорияи иҷтимоӣ – иқтисодӣ даромад муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба азхудкунӣ, истифодабарӣ ва тақсими маҳсули истеҳсолшаванда байни унсурҳои он – табақаҳои иҷтимоӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ, оилаҳо, ашхос тавсиф мекунад.

Хусусияти мураккаби консепсияи даромадро дар вақташ Ҷ. Хикс эътироф намуда, даромадро ҳамчун миқдори ҳадди аксари воситаҳое, ки ба фард дар муддати ҳафтаи ҷорӣ ва ҳар як ҳафтаи оянда зарур аст, муайян намуда буд. [12, 390] Низоми ҳисобҳои миллии Созмони Миллали

Муттаҳид, ки асоси онро консепсияи даромади Ҷ. Хикс ташкил мекунад, ба даромад таърифи зерин медиҳад: маблағи ҳадди аксари пул, ки барои истеъмол дар муддати давраи муайян зарур буда, имкон медиҳад дар охири ин давра сармояи дар аввал мавҷуда нигоҳ дошта шавад.

Тафриқаи даромад боиси тақвияти табақабандии ҷамъият, ба миён омадани зиддияти байни одамон мегардад, ки ба сифати ҳаёти аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Сатҳи даромад талаботи хоҷагиҳои хонаводагиро муайян менамояд, ки дар тафриқаи рафтори истеъмолии онҳо инъикос меёбанд.

Тафриқа ҳам аз рӯйи сатҳи умумии даромад, ҳам аз рӯйи ҳаҷми хоҷагии хонаводагӣ, теъдоди фарзандон, мушаххасоти ҷинсӣ ва синнусолӣ, иштиғоли аҳолӣ, таносуби теъдоди шуғлнокон ва хӯрандагон арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, сатҳи музди меҳнат, шумораи хӯрандагон ва дигар даромади аввалия аломатҳои асосии тафриқабандӣ ба ҳисоб мераванд.

Тафриқаи даромади аҳолӣ зери таъсири маҷмуи муайяни омилҳо ташаккул, ки ба ин раванд мустақиман ё ғайримустақим таъсир расонида метавонанд. Як қатор омилҳо ба раванди ташаккули даромад, омилҳои дигар ба тақсим ва бозтақсими онҳо таъсир мерасонанд.

Ҳамаи ин омилҳо алоқаю вобастагии мутақобила доранд. Дар расми 1 омилҳои нобаробарии даромади аҳолӣ оварда шудааст.

***Расми 1.***

***Омилҳои асосии нобаробарии даромади аҳолӣ****




***Манбаъ:*** *таҳияи муаллиф*

Омилҳои мазкурро агрегатсия карда, ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Ба гурӯҳи якум омилҳое дохиланд, ки иқтидори меҳнатии инсон ва сармояи инсонии вайро тавсиф мекунанд. Нақши ин омилҳо мусбат аст, зеро ба ташаккули ҳавасмандии моддӣ мусоидат менамоянд. Дар навбати худ, ин боиси афзоиши ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат мегардад. Бинобар ин, зарурати маҳдуд намудани таъсири онҳо ба дараҷаи тафриқа вуҷуд надорад ва ҳангоми муайянсозии даромад онҳоро пурра ба инобат гирифтан лозим аст.

Ба гурӯҳи дуюм омилҳое дохиланд, ки табақабандии ҷомеаро тавсиф мекунанд ва вазъи як табақаи иҷтимоиро нисбат ба дигар табақаҳо муайян менамоянд. Илова бар ин, ба ин гурӯҳ сиёсати иҷтимоиро дохил намудан мумкин аст, ки дар соҳаи даромад, иштиғол ва нарх амалӣ гардонида мешавад.

Омилҳои ба даромади аҳолӣ таъсиррасонро ба омилҳое ҷудо намудан мумкин аст, ки тафриқаро пурзӯр менамоянд ё коҳиш медиҳанд. Ба омилҳои пурзӯркунандаи тафриқа мавҷудият ва теъдоди аъзои ғайриқобили меҳнати оила, инчунин таносуби аъзои коркунанда ва бекор марбутанд. Ба омилҳои коҳишдиҳандаи тафриқа ҷамъкунии даромад дар оила; ба даромади умумии оила ворид намудани нафақаи нафақахӯроне, ки узви оила маҳсуб меёбанд; инчунин дохилкунии кӯмакпулиҳое, ки аъзои оила мегиранд, мансубанд.

Ҳамаи омилҳо вобастагии даромадро аз натиҷабахшии меҳнат, самаранокии равандҳои иқтисодӣ дар кишвар нишон медиҳанд. Онҳо тафриқаи даромадро, ки бо тафовутҳои иҷтимоӣ – иқтисодии аъзои ҷомеа дар соҳаи истеҳсолот, тақсимот ва истеъмолот алоқамандӣ дорад, ифода мекунанд.

Нобаробарии даромад ба ҳамаи низомҳои иқтисодӣ хос буда, шарти ҳатмии амалкарди самараноки низоми бозорӣ аст. Танҳо он қодир аст, ки ҳавасмандии муассирро ба меҳнат ва сармоягузорӣ ташаккул диҳад. [1, 62] Лекин, ҳатто тақсимоти дурусти даромад дар иқтисоди бозорӣ ба ҳар як одам сатҳи муносиби даромадро новобаста аз мавҷудияти омили истеҳсолот ва натиҷаҳои фаъолият кафолат намедиҳад.

Барои амалгардонии сиёсати самараноки иҷтимоӣ – иқтисодӣ, ки ба коҳиши тафриқаи даромади аҳолии кишвар равона карда шудааст, баррасии ин зуҳурот зарур аст.

Тафриқаи даромад дар иқтисодиёти кишвар ҳам байни минтақаҳо ва ҳам дар дохили минтақаҳо ҷой дорад. Новобаста аз шабоҳати ин ду намуди тафриқа, онҳо табиати гуногун доранд. Тафриқаи байниминтақавии даромад, қабл аз ҳама, бо шароитҳои гуногуни табиӣ – иқлимии минтақаҳо, инчунин иқтидори гуногуни андӯхтаи иқтисодии ҳудудҳо вобастагӣ дорад. Тафриқаи дохилиминтақавӣ тафовути иқтидори ҳудудҳо, ноҳияҳо, деҳотро инъикос менамояд, лекин бештар бо ниҳодҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ, ки ба тақсимоти омилии даромад таъсир мерасонанд, муайян мегардад.

Тафриқаи байниминтақавӣ тафовутҳоро байни ҳудудҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ, дар навбати аввал, сатҳи даромад, инчунин сатҳи истеъмолот, таъминнокӣ бо манзил, амвол, мавҷудияти пасандоз, сохтори хароҷот ва ғайра тавсиф мекунад.

***Расми 2.***

***Намудҳои тафриқаи байнимитақавӣ даромади аҳолии кишвар****




***Сарчашма**: *таҳияи муаллиф*

Тавассути таъиноти пешниҳодшудаи тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолӣ (расми 2) талаботи асосиро дар танзими он муайян намудан мумкин аст, ки ин ҷуғрофӣ, демографӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ – ахлоқӣ, ҳамчунин бозтақсими даромади аҳолӣ байни субъектони кишвар, гурӯҳҳи аҳолӣ, хоҷагиҳои хонавода мебошад.

Тафовут дар даромади меҳнатӣ тибқи вилоят соли 2010 беш аз 7 маротибаро ташкил кард. Ин тафриқа сол аз сол коҳиш ёфта, айни замон тафовут дар даромади меҳнати минтақаҳои вилояти Суғд 2,8 маротибаро ташкил мекунад (ниг ба ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1.***

***Тафовути даромади миёнаи меҳнатӣ байни ноҳияҳои вилояти Суғд дар солҳои 2010-2021****

| **Солҳо** | **2010** | **2011** | **2012** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тафовути байниминтақави и музди меҳнат, маротиба | 7,2 | 7,8 | 8,7 | 7 | 5,9 | 5,6 | 6,4 | 3,0 | 2,7 | 2,6 | 2,5 | 2,8 |

**Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин ҳисоб кардааст: Маҷмӯи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2021 с., С. – 202-203; Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. Саҳ. 150*

Даромади меҳнатии аз ҳама баланд дар ш Гулистон, н. Панҷакент, н. Айнӣ, ш. Бӯстон ва ш. Хуҷанд ба мушоҳида мерасад. Вазъи даромади меҳнатӣ дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Шаҳристон, Зафаробод ва Деваштич аз сабаби дурдастӣ аз маркази вилоят, шароити вазнини табиӣ – иқлимӣ, соҳаи тахассусмандӣ дар миқёси вилоят дар сатҳи паст қарор дорад.

Тавре дар боло қайд гардида буд, гурӯҳи омилҳои демографӣ аз ҷумла омилҳоеро ба монанди хусусиятҳои синусолӣ ва ҷинсии аҳолии минтақа дар бар мегирад. Бо ибораи дигар тафриқаи даромад ҳамчунин ҷанбаи гендерӣ дорад. Дар баробари ин, даромади меҳнати занон нисбат ба мардон нисбатан кам мебошад, ки инро мо аз расми 3 мушоҳида карда метавонем.

***Расми 3***

***Музди меҳнати номиналии моҳонаи мардон ва занон дар вилояти Суғд дар солҳои 2000-2021 (бо сомонӣ)****




***Муаллиф дар асоси манбаъҳои зерин таҳия кардааст:** Маҷмуаи омори вилояти Суғд 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2016 с., С.- 176; Маҷмуаи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд, 2021 с., С. – 199; Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С. - 148*

Тавре аз расм аён аст, дар тӯли зиёда аз 20 сол музди меҳнати мардҳо 159 маротиба зиёд гардидааст, яъне аз 13,45 сомонии соли 2000 то ба 2137,08 сомонӣ дар соли 2021. Музди меҳнати занон бошад, дар ин давра 124,4 маротиба, яъне аз 8,73 сомонӣ то ба 1086,68 сомонӣ афзудааст. Соли 2010 таносуби музди меҳнати занон нисбат ба мардон 54,3% - ро ташкил медод. Дар соли 2015 ин нишондиҳанда то 55,9% афзуда, дар соли 2020 то ба 69% баробар гардид.

Тафриқаи байнисоҳавии музди меҳнат дар намуди фарқ байни гурӯҳҳои соҳаҳое, ки аз рӯйи вазъи иқтисодиашон радабандӣ шудаанд, зоҳир мегардад. Нобаробарии сатҳи музди меҳнат, ки бо муҳиммияти гуногуни соҳавии истеҳсолот алоқаманд аст, омили муҳимтарини ҷудо гардонидани ин бахшҳо гардидааст. Дар натиҷа вазъияте ба вуҷуд омадааст, ки ҳангоми он, вазъи иқтисодии соҳаҳо аз муҳиммияти мураккабии тахассусии меҳнат афзалияти назаррас дорад. Ин тафриқа бо тафовути афзоишёбандаи музди кор дар соҳаҳои молия ва кишоварзӣ, саноати коркард, маориф ва тандурустӣ тавсиф меёбад.

Бояд дар хотир дошт, ки инҳирофи музди кор аз фарқи объективӣ дар меҳнат ҷӣ ба тарафи афзоиш ва ҷӣ ба самти коҳиш ба самараи ангезишдиҳанда таъсири манфӣ мерасонад. Истифодаи ғайримақсадноки иқтидори меҳнатӣ дар истифодаи нопурраи имкониятҳои тахассусӣ зоҳир мегардад, зеро мақоми «музди корӣ»-и иштиғол дар бахшҳои бештар аҳаммиятнок нисбат ба мақоми касбӣ – тахассусӣ афзалият дорад. Барои ҳамин, ивази ҷои кор, аз ҷумла бо талафи мураккабии меҳнат нисбати мутаҳаррикии тахассусӣ афзалият пайдо мекунад. Сабаби баланд будани сатҳи ҷойивазкуниҳои меҳнатӣ, ки дар натиҷаи он нисфи ашхоси ҷои кориро ивазкунанда ба меҳнати тахассусмандиаш пасттар мегузаранд,

маҳз дар ҳамин нукта ниҳон аст.

Динамикаи тафриқаи байнисоҳавӣ дар вилояти Суғд дар расми 4 оварда шудааст.

***Расми 4.***

***Динамикаи тафриқаи байнисоҳавӣ дар вилояти Суғд****




**Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. С. - 166*

Тафриқаи байнисоҳавии музди меҳнат соли 2000 – ум қимати 9,5 – ро ташкил карда, соли 2005 то ба 6,8 коҳиш ёфтааст. Дар ин солҳо музди миёнаи меҳнати камтарин дар соҳаҳои илм ва хизматрасонии илмӣ ва соҳаи тандурустӣ ба мушоҳида мерасад.

Соли 2010 тафриқаи байнисоҳавии сатҳи музди меҳнати ҳисобкардашуда дар вилоят то ба 9,97 маротиба боло рафта, ин ҳолат то соли 2012 идома ёфтааст. Ин нишондиҳанда соли 2013 ба 8,1 баробар шуда, тариҷан коҳиш ёфт ва соли 2021 ба 5,7 маротиба баробар гардид.

Айни замон дар миқёси вилояти Суғд музди миёнаи меҳнати пардохтшудаи баландтарин дар соҳаи молия ба қайд гирифта шудааст. Соли 2021 он аз сатҳи музди миёнаи меҳнат дар вилоят 2,8 маротиба зиёд буд. Ин нишондиҳанда соли 2010 – 4,3 маротиба, соли 2015 – 2,7 маротибаро ташкил кардааст.

Музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2010 зиёда аз 6 маротиба афзудааст, вале бо вуҷуди ин, пасттарин буда, 49% - и музди миёнаи меҳнат тибқи вилоятро ташкил медиҳад. Солҳои 2012 – 2016 музди миёнаи меҳнати кормандони кишоварзӣ қимати камтаринро ташкил кардааст. Дар ин давра ҳиссаи он 34% - и музди миёнаи меҳнат дар вилоятро ташкил дода буд.

Тамоюли устувор дар тафриқабандии даромадҳо, коҳиши сатҳи зиндагии қисми бештари аҳолии кишвар қабули чораҳоеро тақозо менамоянд, ки барои рафъи таъсири ин омилҳои рушди иқтисодӣ ва масъалагузорӣ оид ба амалӣ гардонидани сиёсати самаранок ва адолатноки иҷтимоии давлат имкон медиҳанд. Далат дар ин самт мустақиман ба тақсимоти аввалияи даромади пулии аҳолӣ дахолат намуда, аксаран ҳудуди болии афзоиши музди меҳнати номиналиро муқаррар менамояд.

Баробари ин, давлат сиёсати даромадро барои нигаҳдории афзоиши музди меҳнат бо мақсади коҳиши хароҷоти истеҳсолот, баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, ҳавасмандии сармоягузорӣ, пешгирии таваррум мавриди истифода қарор медиҳад.

Муносибатҳо ба амалигардонии сиёсати даромад дар шароити иқтисоди бозорӣ ва гузариш гуногун буда метавонанд. Дар доираи яке аз муносибатҳо (онро шартан «муносибати иҷтимоӣ» номидан мумкин аст) чунин ҳисобида мешавад, ки ҷамъият бояд ба

ҳар як шаҳрванд даромадеро кафолат диҳад, ки шаҳрванд аз «хатти камбизоатӣ» поён нафарояд. Зимнан, давлат бояд дар ташаккули барномаҳои мухталифи иҷтимоии кӯмак ба камбизоатон, шахсони аз ҷои кор маҳрумшуда ва ғайра нақши назаррас бозад.

Муносибати дигар (онро шартан бозорӣ номидан мумкин аст) ба он асос меёбад, ки вазифаи давлат на кафолат додан ба ягон сатҳи муайяни даромад, балки фароҳам овардани шароит мебошад, ки ҳар як фард тавонад аз ҳисоби фаъолнокии иқтисодии худ даромадашро зиёд кунад.

Агар муносибати якум ба принсипи ба ном адолати иҷтимоӣ такя намояд, асоси муносибати дуввумро оқилии иқтисодӣ ташкил мекунад, зеро даромади кафолатнок самаранокии иқтисодиро суст мегардонад. Коҳиши самаранокӣ, дар навбати худ, боиси бад шудани вазъи иқтисодӣ ва талафоти тамоми аҳолӣ мегардад. Бинобар ин, ба тари қатъӣ афзалият бахшидан ба яке аз ин муносибатҳо имконнопазир аст.

Давлат ҳиссаи назарраси масъулиятро ҷиҳати риояи ҳуқуқи ҷудонопазири шаҳрванд барои ҳаёту зиндагии сазовор ба зиммаи худ гирифта, бозтақсими даромадро ташкил менамояд. Бозтақсим раванди тағйирдиҳии тақсимоти даромад ё боигарии дар ҷамъият вуҷудошта ба мақсади ноил гардидан ба адолати иҷтимоии ҳар чи бештар мебошад.

Лекин, дахолати давлат ба бозтақсими даромад бояд марзҳои поёнӣ ва болоӣ дошта бошад. Марзи поёнӣ бо сатҳи рушди кишвар, ҳолати иқтисодии он, вазъи демографӣ ва ғайра муқаррар мегардад. Марзи болоӣ бо ҳаҷми ҳадди муҷози пардохтҳои иҷтимоӣ ва андозҳо, инчунин самараҳои манфие, ки бозори қувваи корӣ ва умуман механизми бозориро вайрон карда метавонанд, вобастагӣ дорад.

Бозтақсими даромад дар шароитҳои ҷумҳурии мо бояд бо усулҳои мустақим ва ғайримустақим ба амал оварда шавад. Манбаъҳои мустақими бозтақсим аз буҷети ҷумҳуриявӣ бар меояд. Давлат, андозҳоро ситонида, маблағҳоро дар буҷет (қисми даромад) ҷамъоварӣ менамояд, ва сипас онҳоро ба барномаҳои иҷтимоӣ, кӯмакпулиҳо, ҷубропулиҳо ва дигар пардохтҳои хусусияти иҷтимоӣ дошта мавриди истифода (қисми хароҷот) қарор медиҳад. [6, 181] Ба андешаи мо, ба усулҳои ғайримустақими бозтақсими даромад дар иқтисоди бозорӣ фондҳои хайрия, андозбандии имтиёзноки қишри осебпазири аҳолӣ, пешниҳоди хизматҳои ройгон дар соҳаи маориф ва тандурстии давлатӣ, амалигардонии назорати давлатии нарх дар бозорҳои монополӣ ва дигар тарзҳоро дохил намудан мумкин аст.

Умумияти тарзу усулҳои бозтақсими ғайримустақими даромад дар он зоҳир мегардад, ки онҳо тақсимотро бештар адолатнок намуда, онҳо ба равандҳои бозорӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар баробари ин, нақши аз ҳад фаъоли давлат дар бозтақсими даромад метавонад боиси ҳам хароҷоти иқтисодӣ ва ҳам хароҷоти иҷтимоӣ гардад, ки ба фаъолияти давлат дар ин соҳа маҳдудиятҳои муайянро ба миён меоранд.

Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ мақсади асосии рушди ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Унсури зарурии сиёсати давлатии баландбардории сифати зиндагӣ танзими даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад, зеро тафриқаи аз ҳад зиёди даромад дар ҷомеа ташаннуҷи иҷтимоиро ба миён оварда, имконоти нобаробари иҷтимоии фардҳоро ташаккул медиҳад ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва рушди иқтисодиёти миллиро боз медорад.

Мутобиқан ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани сиёсати даромад дар асоси ҳамоҳанг сохтани самаранокии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ мувофиқи мақсад аст. Татбиқи бозтақсими натиҷабахши даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бояд тавассути таҳияи барномаҳои давлатӣ, ки чораҳои мушаххас, қабл аз ҳама дар соҳаи танзими даромади меҳнатии шаҳрвандон, андозбандии адолатнок ва такмили низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро пешбинӣ мекунанд, сурат гирад. Барои коҳиш додани тафриқаи байниминтақавии даромади аҳолии минтақаҳои кишвар ҳам ба рушди онҳо ва ҳам ба

натиҷаи иҷтимоӣ самтгирӣ кардан лозим аст. Ин тадбир ба беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ, афзоиши дастрасии неъматҳо ва захираҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки дар ин минтақа вуҷуд дорад, ва мутаносибан ба коҳиши тафриқаи даромад оварда мерасонад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Абдусамадов Г.С., Саиджонов С.Ш. Факторы и причины неравенства доходов в Республике Таджикистан / Г.С. Абдусамадов, С.Ш. Саиджонов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2011. - №4(48). - С. 56-66.*
2. *Гэлбрейт Дж. Экономические теории и цели общества / Дж. Гэлбрейт. – Москва: Прогресс, 1979. – 406 с.*
3. *Кадыров Д.Б. Механизм регулирования доходов населения / Д.Б. Кадыров. – Душанбе: Ирфон, 2003. - 153 с.*
4. *Маҷмуаи омори вилояти Суғд 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - Хуҷанд, 2016. - 604 с.*
5. *Маҷмуи омори вилояти Суғд. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. - Хуҷанд, 2021. – 744 с.*
6. *Маъмуров А.М. Перспективы и направления совершенствования системы налогового администрирования с целью обеспечения налоговой безопасности региона / А.М. Маъмуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – Бохтар, 2021. – №1 - 2(86). – С. 178-185.*
7. *Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати АОПҶТ дар вилояти Суғд. – Хуҷанд, 2022. 508 с.*
8. *Римашевская Н., Римашевский А. Равенство и справедливость / Н. Римашевская, А. Римашевский //Финансы и статистика. – 1991. №2.- С. 57-71.*
9. *Саиджонов С.Ш. Методы государственного регулирования доходов населения в Республике Таджикистан / С.Ш. Саиджонов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – Худжанд, 2013. - №2. - С. 84-93*
10. *Смирнова И. Регулирование доходов населения как элемент социальной политики / И. Смирнова // Экономист. – 1994. №1.- С. 62-70.*
11. *Суринов А.Е. Доходы населения. Опыт количественных измерений / А.Е. Суринов. – Москва: Финансы и статистика, 2000. – 432 с.*
12. *Хикс Дж. Р. Стоимость и капитал: Пер. с англ. / Дж. Р. Хикс. – Москва: Прогресс, 1993. – 448 с.*
13. *Экономическая теория: учебник / Под ред. В.Д. Камаева, Е.Н. Лобачевой. – М.: Юрайт, 2006. - 431 с.*


***REFERENCES:***


1. *Abdusamadov G.S., Saidjonov S.Sh. Factors and Causes of Income Inequality in the Republic of Tajikistan. // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, №4(48), 2011. pp. 56-66*
2. *Galbraith J. Economic Theories and Goals of Society. - M.: Progress, 1979. - 406 pp.*
3. *Kadyrov D.B. Mechanism of Regulation of Income of the Population. - Dushanbe: Irfon, 2003. - 153 pp.*
4. *Statistics of the Sughd Region, 25 years of State Independence. The Central Directorate of the Agency for Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan in Sughd region, Khujand, 2016. - 604 pp.*

5. *Statistical Collection of Sughd region. Tajikistan: 30 years of State Independence. The Central Directorate of the Agency for Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan in Sughd region. Khujand, 2021. – 744 pp.*
6. *Mamurov A.M. Prospects and Directions of Improving the Tax Administration System in Order to Ensure the Tax Security of the region / A.M. Mamurov // Bulletin of Nosir Khusrav Bokhtar State University. A series of humanitarian and economic sciences. - Bokhtar, №1-2(86), 2021. pp. 178-185.*
7. *Statistical Annual of the Sughd region. The Central Directorate of the Agency for Statistics under the Auspices of the President of the Republic of Tajikistan in Sughd region. Khujand, 2022. - 508 pp.*
8. *Rimashevskaya N., Rimashevskiy A. Equality and Justice.//Finance and Statistics. - 1991. №2. - pp. 57-71*
9. *Saidjohnov S.Sh. Methods of State Regulation of Incomes of Population's Incomes in the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Tajik State University of Law, Business and Politics. – Khujand, 2013. №2. – pp. 84-93*
10. *Smirnova I. Regulation of Income of the Population as an Element of Social Policy. //Economist. - 1994. №1.- pp. 62-70.*
11. *Surinov A.E. The Income of the Population. Experience in Quantitative Measurements. - M.: Finance and Statistics, 2000. - 432 pp.*
12. *Hicks J. R. Cost and Capital: Trans. from English. – M.: Progress, 1993. - 448 pp.*
13. *Economic Theory: Textbook / Ed. V.D. Kamaeva, E.N. Lobacheva. - M.: Yurayt, 2006. - 431 pp.*